*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 130 (4550) | ДУШАНБЕ, 24 ОКТЯБРИ СОЛИ 2022 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА ВИЛОЯТИ ХАТЛОН



**23 октябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади шиносоӣ бо вазъи зиндагии сокинон, ифтитоҳ ва гузоштани санги асос ба чанд иншоот, шиносоӣ аз ҷамъоварии ҳосил ва истифодаи мақсадноки замин ба ноҳияи Шамсиддини Шоҳин ташриф оварданд.**

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нахуст дар ноҳияи Шамсиддини Шоҳин майдони Нишони давлатиро бо бардоштани парда аз рӯи лавҳа мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд, ки дар доираи тадбирҳои ободонӣ ба истиқболи ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия ва саҳми соҳибкорон бунёд гардида, ба макони сайру гашт ва истироҳати сокинон табдил ёфтааст.

Баландии сутуни Нишони давлатӣ 20 метр ва худи он 1,8 метрро ташкил медиҳад. Зерсутунҳои Нишони давлатӣ дар масоҳати 80 метри мураббаъ бо истифода аз сангҳои мармари сафед оро дода шуда, 130 метр деворчаҳои иҳотавӣ ва 1400 метри мураббаъ роҳравҳо сафолакпӯш карда шудаанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати корҳо дар бунёди майдони зикршуда ва сутунпояву Нишони давлатӣ баҳои баланд доданд.

**Ҳамчунин, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шафати майдони Нишони давлатӣ ба сохтмони маҷмааи «Модару кӯдак», ки дар он беморхонаи марказии ноҳия бо 66 кат ва маркази саломатии ноҳиявӣ ҷойгир карда мешаванд, санги асос гузоштанд.**

Иншоот бо мақсади баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ дар доираи тадбирҳои ободониву бунёдкорӣ ба истиқболи ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ сохта мешавад. Барои бунёд ва бо таҷҳизот муҳайё гардондани он Бонки осиёии рушд 4 миллиону 447 ҳазор, аз ҷумла барои сохтмон 3 миллиону 415 ҳазор доллар (34 миллион сомонӣ), маблағ ҷудо кардааст. Пудратчии лоиҳа Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Иқлими соф» буда, иншооти тиббӣ аз се бахш, ҳар кадом иборат аз се ошёна, тарҳрезӣ шудааст.

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои дар муҳлати муайянгардида ва бо сифати баланд бунёд кардани маҷмаа ба масъулин дастурҳои судманд доданд.

**Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо бардоштани парда аз болои лавҳа бинои нави Маркази назорати давлатии санитарӣ ва эпидемиологӣ дар ноҳияи Шамсиддини Шоҳинро низ мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Бинои он аз ҷониби Ҳукумати мамлакат, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва пудратчӣ ҶДММ «Ҷовидон-2010»-и шаҳри Кӯлоб бунёд ва бо таҷҳизоти корӣ муҳайё шудааст. Дар ин бино маҷмуан 24 ҳуҷраи корӣ ва ёрирасон мавҷуд буда, барои маъмурият ва кормандон шароити мусоиди корӣ фароҳам оварда шудааст.

Бинои нави Маркази назорати давлатии санитарӣ ва эпидемиологӣ дар ноҳияи Шамсиддини Шоҳин бо шабакаи гармидиҳии мутамаркази дохилӣ васл карда шуда, системаи корезиаш низ дохилӣ аст.

Дар ошёнаи якуми бинои мазкур озмоишгоҳҳои бактериологӣ ва кимиёвӣ мавҷуданд, ки бо истифода аз дастгоҳҳои ИФА, заррабин, дастгоҳи мушаххаскунандаи миқдори нитрат дар маҳсулоти полезӣ, дастгоҳи махсус ва ҷевони тамизгардонӣ ба воситаи ҳавои хушк фаъолнокии маводи безараргардонӣ, муайян намудани равшании дохили биноҳо, муайян намудани миқдори нитрат дар полезиҳо, муайян намудани барангезандаҳои бемориҳои сироятӣ, аз қабили домана, исҳоли хунин, бемориҳои шадиди меъдаю рӯда, таркиби шири модар, буғумдард, мушаххас карда мешавад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ аз шароити марказ аз пешниҳоди сатҳи баланди хизматрасонӣ, ки тавассути дастгоҳу таҷҳизоти муосир амалӣ карда мешаванд, изҳори қаноатмандӣ карда, ҷиҳати боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани кору хизматрасонӣ ба масъулин дастурҳо доданд.

**Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Шамсиддини Шоҳин бинои Кумитаи идораи заминро ифтитоҳ намуда, бо шароити кории он шинос шуданд.**

Бинои Кумитаи идораи замини ноҳияи Шамсиддини Шоҳин дар доираи тадбирҳои ободонӣ ба ифтихори ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ бо тарҳи хеле зебо ва замонавӣ бунёд гардида, аз ду ошёна, 10 ҳуҷраи корӣ, маҷлисгоҳ бо 40 ҷои нишаст ва дигар ҳуҷраҳои ёрирасон иборат мебошад. Аз рӯи тарҳ дар ошёнаи якуми бино ҳуҷраҳои корӣ барои кормандони идораи замин ва мутахассисони корхонаи бақайдгирии молу мулки ғайриманқул бунёд гардидааст ва ҳамаи онҳо бо мизу курсӣ ва лавозимоти зарурии корӣ таъмин мебошанд.

Қаблан кормандони Кумитаи идораи замини ноҳияи Шамсиддини Шоҳин бо сабаби набудани бинои алоҳидаи корӣ фаъолиятро дар иншооти куҳна идома медоданд. Акнун барои мутахассисон шароити хуби корӣ муҳайё карда шуд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ аз шароити фароҳамгардидаи иншооти навтаъсис ва таъмини дастгоҳу таҷҳизоти зарурӣ дар он ба корҳои сохтмонӣ баҳои баланд дода, масъулону кормандони соҳаро барои анҷоми хизматрасониҳои босифату сатҳи баланд вазифадор карданд.

**Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар деҳоти «Шӯрообод»-и ноҳияи Шамсиддини Шоҳин бинои Маркази таъминоти бехатарии озуқавориро мавриди истифода қарор доданд.**

Маркази таъминоти бехатарии озуқавории ноҳия бо дастгирӣ ва супоришҳои бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба истиқболи ҷашни пурифтихори миллӣ 35 - солагии Истиқлолияти давлатӣ ҷиҳати ҳифзи солимии ҷомеа, таъмини бехатарии озуқаворӣ, рушди соҳаи чорводорӣ ва фароҳам сохтани шароити арзандаи корӣ ба кормандони соҳа бунёд ёфтааст.

Бинои Маркази таъминоти бехатарии озуқавории ноҳияи Шамсиддини Шоҳин сеошёна буда, дар ошёнаи якум барои ташхиси маҳсулоти гӯштию ширӣ ва меваҷоту сабзавот озмоишгоҳ ва ҳуҷраҳои корӣ ташкил шудааст, ки бо дастгоҳу таҷҳизоти замонавӣ таъмин мебошанд.



**(Давомаш дар саҳ. 2)**

## ИТТИФОҚҲОИ КАСАБАИ КИШВАР ДАР ТАТБИҚИ ШАРТНОМАҲОИ ДАСТАҶАМЪОНА САҲМИ БУЗУРГ ДОРАД

### Паёми шодбошии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори Рӯзи иттифоқҳои касаба

**24 октябри соли 2022**

**Муҳтарам роҳбарон ва фаъолони иттифоқҳои касаба!**

Ҳамаи роҳбарону кормандон ва аъзои иттифоқҳои касабаи Тоҷикистонро, ки дар татбиқи назорати ҷамъиятии ҳуқуқу кафолатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатии заҳматкашон саҳмгузоранд, ба ифтихори Рӯзи иттифоқҳои касаба табрик мегӯям.

Дар шароити муосир раванди муосири танзими муносибатҳои меҳнативу иҷтимоӣ яке аз воситаҳои таъмин намудани суботи иҷтимоии кишвар мебошад, ки ҳамкории муштараку мувофиқашудаи давлат, корфармоён ва мақомоти намояндагии кормандон, яъне иттифоқҳои касабаро ифода мекунад.

Вохӯрии роҳбарияти олии сиёсии мамлакат бо намояндагони иттифоқҳои касаба, ки 24-уми октябри соли 2019 бори аввал дар даврони соҳибистиқлолӣ, дар айёми вусъати раванди созандагиву бунёдкорӣ ва рушди босуботи Ватани азизамон баргузор гардид, нишонаи возеҳи таваҷҷуҳ ва қадршиносии Ҳукумати мамлакат ба фаъолияти иттифоқҳои касаба мебошад.

Қобили зикр аст, ки иттифоқҳои касабаи кишвар дар сафҳои худ беш аз 900 ҳазор нафар аъзоро муттаҳид намуда, ҳамчун шарики иҷтимоии Ҳукумати Тоҷикистон дар татбиқи созишномаи генералӣ, созишномаҳои соҳавӣ, минтақавӣ ва шартномаҳои дастаҷамъона нақши муҳим ва муассирро иҷро мекунанд.

Дар замони Истиқлолияти давлатӣ Федератсияи иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон роҳи самарабахшро тай намуда, на танҳо ягонагии сафҳои худро нигоҳ дошт, балки ба қувваи амалкунандае табдил ёфт, ки фаъолияти худро барои беҳтар намудани шароити меҳнат ва зиндагии аъзои иттифоқҳои касаба равона намудааст.

Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи Ҳукумати Тоҷикистон қарор дошта, аз ибтидои соҳибистиқлолӣ дар кишвар як силсилаислоҳоти иқтисодӣ ва сохторӣ амалӣ гардида, асосҳои меъёрии ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии мардуми мамлакат тадриҷан такмил дода шуданд.

Иттифоқҳои касаба ба ҳайси созмони оммавии мардумӣ ва ҳомии ҳуқуқу манфиатҳои аҳли заҳмат масъулияти ширкат дар идоракунии ҷомеа, тарбияи кадрҳо, ҳалли масъалаҳои мубрами ҳаёт, таъмин намудани адолати иҷтимоӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти кормандон дар соҳаҳои иқтисоди миллиро ба уҳда доранд.

Дар вохӯрии зикршуда бо фаъолони ин ниҳод баён намуда будам: «Иттифоқҳои касаба ҳамчун ташкилоти оммавӣ вазифадоранд, ки рисолати хешро дар ҳифзу ҳимояи дастовардҳои Истиқлолияти давлатӣ, таҳкими сулҳу субот дар саросари кишвар, ваҳдати миллӣ, ҳифзи манфиатҳои иҷтимоиву иқтисодии аъзои иттифоқи касаба ва фароҳам овардани шароити арзандаи зиндагӣ барои ҳар як корманд анҷом диҳанд».

Бовар дорам, ки соҳиби Рӯзи касбӣ гардидани Иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон ба фаъолияти онҳо такони нав мебахшад.

Ба фаъолияти минбаъдаи Федератсияи иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон комёбиҳо орзу намуда, умед дорам, ки минбаъд низ ҳамкориҳои мутақобилан судманди Ҳукумати Тоҷикистон ва мақомоти намояндагии кормандони кишвар тавсеа меёбанд ва ин ниҳоди ҷамъиятӣ ба рушду тараққиёти боз ҳам бештари кишвари азизамон, таъмини суботи иҷтимоӣ ва ҳуқуқу кафолатҳои меҳнативу иҷтимоии кормандон мусоидат хоҳанд кард.

## БАРРАСИИ ҲАМКОРИИ НИЗОМӢ ДАР ҶАЛАСАИ ҲАМОҲАНГСОЗИИ АП СААД



**Бистуми октябри соли 2022 дар шаҳри Санкт-Петербурги Федератсияи Россия ҷаласаи ҳамоҳангсозии раисони кумитаҳо (комиссияҳо) оид ба мудофиа ва амнияти парламентҳои кишварҳои аъзои СААД дар назди Шӯрои Ассамблеяи парлумонии СААД, таҳти раёсати раиси ҷаласаи ҳамоҳангсоз, раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Шоҳмурод Рустам баргузор гардид.**

Нахуст гузориши муовини сардори Раёсати мушкилоти амнияти ҳарбии Котиботи СААД Олег Латипов оид ба ҳолат ва дурнамои рушди ҳамкориҳои низомӣ дар доираи созмон шунида шуд. Сипас, иштирокчиёни ҷаласа дар бораи мушкилоти амнияти дастаҷамъӣ дар минтақаҳои амнияти дастаҷамъии СААД табодули назар карданд.

Сардори Сарраёсати ҳамоҳангсозӣ, банақшагирӣ, истифода ва таълими неруҳои мусаллаҳи Ситоди муштараки СААД генерал-лейтенант Анатолий Яковлев дар бораи машқҳои муштарак бо қувваҳои дастаҷамъии СААД дар соли 2022 гузориш дод.

Дар фарҷом вакилони парлумон тарҳи нақшаи кори АП СААД барои соли 2023-ро мавриди баррасӣ қарор доданд.





## ИШТИРОКИ ВАКИЛОНИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН ДАР ҶАЛАСАҲОИ КОМИССИЯҲОИ АП СААД

**Бистуми октябри соли 2022 раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Сумангул Тағойзода ва раиси Комиссияи экологии Маҷлиси намояндагон Муҳаммадраҳим Юсуфӣ дар кори ҷаласаҳои нақшавии комиссияҳои доимии Ассамблеяи парлумонии Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ оид ба масоили иҷтимоию иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ, ки дар қасри Таврическийи шаҳри Санкт-Петербурги Федератсияи Россия аз тариқи фосилавӣ баргузор гардид, иштирок намуданд.**

Дар рӯзномаи ҷаласа сездаҳ масъала мавриди баррасӣ қарор гирифта, доир ба онҳо раиси комиссия Александр Маркевич, ҷонишини раиси Комиссияи доимии палатаи намояндагони Маҷлиси миллии Ҷумҳурии Беларус оид ба масоили амнияти миллӣ Артем Колесник ва дигарон маълумот доданд.

Вакилони Маҷлиси намояндагон дар баробари дигар вакилони парламентҳои давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил бештар масъалаҳоеро баррасӣ карданд, ки онҳо ба ҷустуҷӯи роҳҳои вусъат бахшидан ба равандҳои ҳамгироии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар байни давлатҳои аъзои ИДМ тааллуқ доштанд.

Зикр гардид, ки СААД дар таъмини амният ва оромии минтақаҳои зери масъулияташ саҳми назаррас дошта, ҳамкории пайваста дар доираи фаъолияти созмон имкон медиҳад, ки муносибатҳои байнипарламентӣ миёни давлатҳои аъзои он таҳким ёбад.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**



**(Идома аз саҳ. 1)**

Дар ошёнаи якум ва дуюми бинои навтаъсис аз рӯи лоиҳа даҳ ҳуҷраи корӣ барои кормандон, дар ошёнаи сеюм маҷлисгоҳ бо 40 ҷои нишаст ва меҳмонхонаи замонавӣ бо 5 рахти хоб сохта шудааст, ки аз ҳамин шароити фароҳамгардида мутахассисони кормандони марказ метавонанд самаранок истифода намоянд.

Зимни шиносоӣ бо шароити иншооти муосир ва Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки бунёди бинои муосири хизматрасонӣ ва ташкили озмоишгоҳи замонавӣ барои кормандон имконият фа- дастранҷи худро, аз қабили меваву сабзавот, галладонагӣ, полезӣ ва ғайра ба намоиш гузоштанд.

Пешвои миллат зимни боздид аз намоишгоҳ ба масъулин ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани фаъолият, гирифтани чанд ҳосил аз як замин ва дар ин баробар таъмини амнияти озуқаворӣ дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

**Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи байналмилалии «Кӯлоб - Шамсиддини Шоҳин» пули мошингузарро мавриди истифода қарор доданд.**

Он дар асоси Лоиҳаи таҷдиди орад ва дар ин самт қадамҳои устувору қатъӣ гузошта шудааст.

Танҳо давоми солҳои охир бо талошҳои хастанопазири Роҳбари давлат дар шаш марҳила таҷдиди роҳи мошингарди «Кӯлоб - Қалъаи Хумб» бо сифати баланд анҷом дода шуд. Дар натиҷа, зиёда аз 170 километр масири мошингард дар ин самти ҳаракат ба стандарҳои ҷаҳонии роҳсозӣ мутобиқ гардонида шудааст. Дар умум, азнавсозии бештар аз 58 километри ҳамин қитъа тавассути Маркази татбиқи Лоиҳаи таҷдиди роҳи автомобилгарди «Душанбе-Чаноқ» бо ҷалби шарикони рушд сомон дода шудааст. Дар

Сарвари давлат бахшида ба ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ аз тарафи Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохта шудааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба кормандону мутахассисони соҳа супориш доданд, ки дар заминаи шароити фароҳамшуда хизматрасониро ба мардум дар сатҳи баланд таъмин намоянд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо нишони эҳтирому қадршиносӣ ва арҷгузорӣ ба орифону фарзандони барӯманди халқи тоҷик дар шаҳри Кӯлоб оромгоҳи олим ва файласуфи шарқ Мир Сайид Алии Ҳамадониро зиёрат карда, барои бақои давлату миллат, осудагии мардуми мамлакат, ободии Ватан ва пойдории сулҳу субoти сарзамин дуову фотеҳаи нек намуданд.

**Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба фаъолияти бинои бахши Муассисаи давлатии «Ташаккул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон» дар шаҳри Кӯлоб оғоз бахшиданд.**

Дар иншооти нав, бо назардошти талаботи замони муосир, барои омода кардани шаҳрвандон ҷиҳати фаъолият дар бахши хусусӣ ҳама шароит фароҳам шудааст. Он дорои 16 ҳуҷраи корӣ, маҷлисгоҳ, ду синфхонаи компютерӣ, ҳуҷраи дӯзандагӣ, кошонаи ҳусн барои духтарон ва писарон мебошад.

Ташаккули соҳибкорӣ маҳорати баланд, ихтисосмандӣ ва донишҳои муосирро талаб мекунад. Бо назардошти ҳамин дар доираи мизҳои мудаввар, мастер-классҳо, экспресс-курсҳо

**наи истиқоматиро мавриди истифода қарор доданд.**

Он аз ҷониби соҳибкори ватанӣ Бобохон Насимов дар муддати се сол ҷавобгӯ ба талаботи меъмориву шаҳрсозии муосир бунёд гардидааст ва аз нуҳ ошёна иборат буда, дар ошёнаи якум маркази савдою хизматрасонӣ ва дар ҳашт ошёнаи дигар 40 ҳуҷра бунёд ёфтааст.

Вобаста ба талаботи замони муосир, дар қисмати берунии бино таҷҳизоти каммасрафи равшанидиҳанда насб шудааст, ки шабонгоҳ бо рангҳои гуногун ба зебоии шаҳр ҳусни дигар зам мекунад. Бо мавриди истифода қарор гирифтани бино 40 оилаи дигар дар маркази шаҳр соҳиби манзили зист гардиданд.

Дар ошёнаи якуми бинои мазкур Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо 68 нафар ятими кулл аз шаҳрҳои Кӯлоб, Норак ва ноҳияи Шамсиддини Шоҳин мулоқот намуданд. Зимни мулоқот Президенти мамлакат кӯдакону наврасони ятимро, ки пурра дар таъминоти Давлату Ҳукумат мебошанд, ба омӯзиши амиқи илму фан ва касбу кори гуногун ҳидоят намуданд.

Барои кӯдакони ятиму бепарастор дастурхони пурнозу неъмат густурда шуда, аз ҷониби Сарвари давлат ба ҳар яки онҳо туҳфаҳо тақдим гардид.

**Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Кӯлоб Маҷмааи «Дуои Модар»-ро мавриди истифода қарор доданд.**

Он дар даромадгоҳи шаҳри Кӯлоб, дар масоҳати наздик ба 1 гектар бунёд шуда, ба макони

# САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

роҳам месозад, ки онҳо дар чунин шароит донишу малакаро баҳри таъмини бехатарии озуқаворӣ, пешгирӣ аз ҳар гуна касалиҳо сироятӣ ва ҳифзи солимии ҷомеа истифода намоянд.

**Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Шамсиддини Шоҳин аз боғи интенсивии «Бобои Шамс» дидан карданд.**

Он дар доираи татбиқи ҳадафи стратегии мамлакат-таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар бунёд карда шуда, хоҷагидорон бо истифода аз таҷрибаи пешқадам ва риояи қоидаҳои агротехникӣ ҳар сол ҳосили баланд ба даст оварда, дар баробари таъмини



аҳолии ноҳия бо меваҳои хушсифат ба хориҷи мамлакат низ содирот мекунанд.

Боғи интенсивии «Бобои Шамс» дар деҳоти «Шӯрообод»-и ноҳия ҷойгир буда, дар масоҳати 2,4 гектар замин бунёд ёфтааст. Дар он ду ҳазору 350 ниҳоли дарахтони мевадиҳандаи интенсивӣ парвариш карда мешавад.

Боғ бо ташаббуси бобои Шамс дар асоси дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти истифодаи самараноки замин соли 2019 бунёд ёфта, соли сеюм аст, ки ба ҳосил даромадааст. Тавассути пойгоҳи обкашии барқӣ ва бо тарзи қатрагӣ парвариши дарахтон ба роҳ монда шудааст, ки дар таҷрибаи ҷаҳонӣ пешқадамтарин дониста мешавад.

Бо мақсади самаранок истифода шудани замин саҳмдорон дар байни қатори дарахтон сабзавот коридаанд, ки майдони 0,20 гектарро дар бар мегирад.

Ҷиҳати нигоҳдории беталафи меваву сабзавот масъулини хоҷагӣ ба бунёди сардхона бо ғунҷоиши 250 тонна оғоз намудаанд, ки минбаъд ҳосили боғ дар он ба муддати дароз нигоҳдорӣ карда мешавад.

Сарвари давлат зимни шиносоӣ бо дастовардҳои хоҷагидорон ба фаъолияти назарраси онҳо баҳои баланд дода, ҷиҳати боз ҳам самаранок истифода бурдани замин, ки кафили таъмини амнияти озуқаворӣ мебошад ва дар шароити кунунӣ хеле ҳам саривақтист дастурҳои мушаххас доданд.

Сипас, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷашни Меҳргон, ки дар боғи мазкур баргузор гардид, иштирок намуданд. Дар ҷашнгоҳ аҳли заҳмат

роҳи автомобилгарди «Кӯлоб қитъаи А», «Кӯлоб-Шамсиддини Шоҳин» бо фармоиши Вазорати нақлиёти Ҷумҳури Тоҷикистон аз ҷониби пудратчии асосӣ - филиали Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Муҳандиси сохтмонии Синтзян» аз 22 феврали соли 2018 амалӣ гашта, бо сатҳу сифати баланд сохта шудааст. Дарозии пул 140 ва паҳноиаш 10 метр буда, иқтидори борбардории он 100 тонна мебошад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аснои боздид аз иншоот ба кори сохтмончиёну роҳсозон баҳои баланд додаанд.

Пули мазкур ҳамчун қисми таркибии сохтмони роҳи байналмилалии «Душанбе-Кӯлоб-Қалъаи Хумб-Хоруғ-Кулма» ба шумор рафта, дар доираи дастуру ҳидоятҳои Президенти мамлакат бо мақсади раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионии ҷумҳурӣ, амалӣ гашта, монеа ва мушкилоти мавҷударо дар рафтуомади ҳама гуна нақлиёт бартараф месозад.

Ёдовар мешавем, ки 11 сентябри соли 2019 дар доираи сафари корӣ ба шаҳри Кӯлоб Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо гузоштани санги асос ба сохтмони роҳи мошингарди «Кӯлоб-Қалъаи Хумб» дар қитъаи «А», ки шаҳри Кӯлобро бо ноҳияи Шамсиддини Шоҳин мепайвандад, оғоз бахшиданд. 5 октябри соли 2021 Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳи автомобилгарди «Кӯлоб-Шамсиддини Шоҳин»-ро ифтитоҳ карданд.

Роҳи автомобилгарди «Кӯлоб-Шамсиддини Шоҳин» дар ҷануби Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир буда, пойтахти мамлакат - шаҳри Душанберо бо шаҳри Кӯлоб, ноҳияҳои Муъминобод ва Шамсиддини Шоҳин наздик сохта, яке аз дарвозаҳои асосӣ барои пайваст намудани Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Халқии Хитой тавассути Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мебошад.

Дар ин шоҳроҳ се пул мавҷуд буда, ду адади он навсозӣ ва пули нав дар километри 23-юми роҳ дар як мавзеи бар асари офати табиӣ харобгардида бунёд шудааст.

Шоҳроҳи автомобилгарди «Кӯлоб - Қалъаи Хумб, қитъаи «А» «Кӯлоб - Шамсиддини Шоҳин» дарвоқеъ ба яке аз роҳҳои муосири ҷавобгӯ ба талаботи ҷаҳонӣ мувофиқ кунонида шудааст. Бо натиҷагарӣ аз ин бунёдкориҳо метавон гуфт, ки сиёсати роҳсозии роҳбарияти олии мамлакат марҳила ба марҳила самар ме-

ин масир, ки масофаи умумии он 32 километрро ташкил медиҳад, барои таъмини бехатарии воситаҳои нақлиёту пиёдагардон 1302 аломати роҳ насб гардида, дар масофаи 22 километри он корҳои чароғонкунӣ анҷом дода шудааст, ки шабонгоҳ ин масирро зебову назаррабо гардонидааст. Бахусус дар қисматҳои аҳолинишини деҳоти Шӯрообод ва Доғистони ноҳияи Шамсиддини Шоҳин, се деҳаи деҳоти «Балхобӣ»-и ноҳияи Муъминобод ва маҳаллаи ба номи Ворисзодаи шаҳри Кӯлоб шомгоҳон имконоти хуб барои гаштугузори сокинон фароҳам гардидааст.

Бунёду ба истифода додани пули мошингузар дар баробари аз шароити замонавию бехатар баҳравар шудани ронандагону мусофирон барои ҳаракат, ҳамчунин ба 2 километр кӯтоҳ шудани масофаи роҳ боис гардид.

Таҷдиди ин роҳ ва пул бо ташаббус ва талошҳои созандаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амалӣ гардида, ҳар рӯз тариқи он ронандагону мусофирон ва сайёҳони зиёде сафар мекунанд. Тавассути ҳамин роҳ содироту воридоти молу маҳсулот низ сурат мегирад.

Бунёди роҳ аҳамияти бузурги иқтисодию иҷтимоӣ дошта, дар беҳтар гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва рушди иқтисодиёти мамлакат заминаи устувор мегузорад.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 23 октябри соли 2022 дар доираи сафари корӣ ба вилояти Хатлон ба шаҳри Кӯлоб низ ташриф оварда, нахуст бинои маъмурии Кумитаи идораи замини минтақаи Кӯлобро ифтитоҳ намуданд.**




Иншооти замонавӣ чорошёна буда, аз 19 ҳуҷра, маҷлисгоҳ барои 100 ҷои нишаст ва меҳмонхона иборат мебошад. Корҳои сохтмонӣ дар иншоот соли 2020 оғоз гардида, бо сифати баланд ба анҷом расонида шудааст.

Дар иншооти замонавӣ барои пешбурди фаъолияти хизматӣ ба кормандони Кумитаи идораи замини минтақаи Кӯлоб, Кумитаи идораи замини шаҳри Кӯлоб ва Корхонаи давлатии фаръии «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул»-и шаҳри Кӯлоб шароити замонавӣ фароҳам гардидааст.

Бинои хуштарҳу муосир дар доираи иҷрои дастуру супоришҳои

шаҳрвандон ба омӯзиши касбҳои сартарошӣ, қаннодӣ, дӯзандагӣ ва компютерӣ фаро гирифта мешаванд. Тадбирҳои омӯзишӣ ройгон сурат гирифта, хоҳишмандон имконият доранд, ки донишҳои худро дар самти бахши хусусӣ тақвият бахшида, фаъолияти соҳибкории худро ташкилу таҳким бахшанд.

Дар курсҳои дӯзандагӣ давоми ду моҳ 10 нафар соҳибкасб гардонида мешаванд. Дар курсҳои сартарошӣ ва ороиши рӯю мӯй бошад, давоми як моҳ омӯзиш сурат мегирад.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ёдоварӣ аз саҳми бахши хусусӣ дар рушди иқтисоди миллӣ масъулинро барои истифодаи пурраи имконияти фароҳамшуда ва омода кардани шаҳрвандон ҷиҳати фаъолият дар бахши хусусӣ вазифадор карданд.

**Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кӯчаи ба номи Ҳаким Неъматови шаҳри Кӯлоб бинои Коллеҷи технологияҳои инноватсионӣ ва иттилоотӣ-коммуникатсиониро баъди таъмиру навсозӣ мавриди истифода қарор доданд.**

Муассисаи нави хусусии таълимӣ бахшида ба ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ аз ҷониби соҳибкори ватанӣ дар заминаи бинои алоқаи шаҳри Кӯлоб таъсис ёфта, барои 460 донишҷӯ пешбинӣ гардида, дорои шароити муосири илмомӯзӣ ва аз худ кардани технологияҳои иттилоотӣ мебошад.

Он дорои синфхонаҳои компютерӣ, электронӣ, толори маҷлисгоҳ, китобхона, лаборатория ва синфхонаҳои дарсӣ буда, барои донишҷӯён шароиту имконоти муосири аз худ кардани технологияҳои пешрафта муҳайё карда шудааст. Дар муассисаи нави таълимӣ ду кафедра, технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ва радиоалоқа амал мекунад, ки мутахассисони ҷавон аз рӯи ихтисосҳои равияи техникӣ ва алоқа омода карда мешаванд.

Ба Пешвои миллат иттилоъ дода шуд, ки дар Коллеҷи технологияҳои инноватсионӣ ва иттилоотӣ - коммуникатсионии шаҳри Кӯлоб ба донишҷӯён, ки баъди хатми синфи 9 ва 11 қабул карда мешаванд, аз рӯи 13 ихтисос касбу ҳунар омӯзонида мешавад.

**Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маркази шаҳр бинои баландошё-**

зебову назаррабо ва ҷои қабул ва гусели меҳмонон табдил ёфтааст.

Дар маркази Маҷмааи «Дуои Модар» муҷассамаи Модар дар шакли «болои кат даст ба дуо бардошта» сохта шудааст. Дар фарҳанги мардуми тоҷик дуои Модар рамзи ҳифзу амонӣ, сабзишу пешрафт ва комёбиву муваффақиятҳо дониста мешавад.

Пасманзари муҷассамаро асари бадеии монументалӣ дар васфи Модар зеб медиҳад. Ин асар аз 6 қисм иборат аст ва ҳар яки онҳо заҳмату талошҳои шабонарӯзии Модар баҳри тарбия ва ба камол расонидани фарзандро инъикос мекунанд. Ҳамзамон дар ин асар расму оин, рӯзгору пайкори мардуми тоҷик таҷассум ёфтааст.

Муҷассамаи «Дуои Модар» ва асари бадеии монументалӣ дар васфи Модар аз ҷониби ҳайкалтарошони маҳаллӣ, ки аъзои Иттифоқи рассомони Тоҷикистон мебошанд, бунёд ёфтааст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста дар суханрониҳояшон азамату бузургии Модарро васф карда, дар ситоиши Модар фармудаанд: «Зан-Модар ибтидои ҳастии башарият, мабдаи меҳру вафо ва рамзи муҳаббату садоқат мебошад».

Лоиҳаи иншоот аз ҷониби Корхонаи воҳиди давлатии «Лоиҳакаш»-и шаҳри Кӯлоб таҳия шудааст. Фармоишгари иншоот Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб буда, пудратчӣ Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Паргор» мебошад.

Дар ҳудуди маҷмаа фавворахо сохта шуда, чароғҳои замонавӣ насб гардидааст. Атрофи муҷассамаи Модар бо гулу буттаҳо ва дарахтони ороишӣ сабзкорӣ шуда, роҳравҳо сафолакпӯш гардидаанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сохтмони Маҷмааи «Дуои Модар»-ро дар даромадгоҳи шаҳр иқдоми хубу шоистаи таҳсин хонда, ба дастандаркорон изҳори сипосу миннатдорӣ намуданд.

**Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Кӯлоб бо собиқадорону фаъолон ва аҳли ҷамоатчигии шаҳр суҳбати самимӣ доир намуданд.**

Дар оғози мулоқот муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба иқдому ташаббусҳои сокинони шаҳри Кӯлоб барои дастгирӣ аз сиёсати созандаи роҳбарияти олии Ҳукумати мамлакат баҳои баланд доданд.

Президенти мамлакат собиқадоронро ҷиҳати саҳмгузорӣ дар таълиму тарбияи насли наврас, тарғиби сиёсати созандаи Ҳукумати мамлакат ва тадбирҳои ободонӣ ба истиқболи 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ ҳидоят карданд.

Бо назардошти авзои имрӯзаи ҷомеаи байналмилалӣ, таъкид гардид, ки бо истифода аз шароит ва иқлими мувофиқи шаҳр сокинон бояд ҳар сол дар таъмини амнияти озуқаворӣ саҳмгузор бошанд.

**(Давомаш дар саҳ. 3)**

# НОМАҲОИ ШОДБОШӢ

**21 октябри соли 2022 миёни Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Сарвазири Ҷумҳурии Арманистон муҳтарам Никол Пашинян ба муносибати 30-юмин солгарди барпо намудани робитаҳои дипломатии ҳар ду кишвар мубодилаи номаҳои шодбошӣ ба амал омад.**

**Дар номаи шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба унвони Сарвазири Ҷумҳурии Арманистон муҳтарам Никол Пашинян омадааст:**

**«Муҳтарам Никол Воваевич!**

Ба муносибати 30-солагии барпо намудани муносибатҳои дипломатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Арманистон бо изҳори қаноатмандӣ ба Шумо табрикоти ин ҷонибро ирсол менамоям.

Мо аз ҷараёни инкишофи муносибатҳои дӯстӣ миёни кишварҳоямон тайи ин солҳо чӣ дар асоси дуҷониба ва чӣ дар сатҳи бисёрҷониба қаноатмандем. Алоқаманди густариши рӯзафзун ва тақвияти минбаъдаи ҳамкорӣ бо Арманистон, ки бо он моро риштаҳои таърихии дӯстӣ ва ҳамкорӣ мепайвандад, ҳастем. Бовар дорам, ки бо саъю талошҳои муштарак муносибатҳои созандаи мо ба нафъи мардумонамон боз ҳам таҳкими бештар хоҳанд ёфт.

Ба Шумо, муҳтарам Никол Воваевич, саломатӣ ва дар фаъолияти давлатиатон муваффақиятҳои назаррас, ба мардуми дӯсти Арманистон сулҳу субот ва шукуфоӣ хоҳонам».

**Дар номаи шодбошии Сарвазири Ҷумҳурии Арманистон муҳтарам Никол Пашинян ба унвони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин гуфта шудааст:**

**«Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон!**

Табрикоти самимии маро ба муносибати санаи муҳим - 30-солагии истиқрори муносибатҳои дипломатӣ миёни Ҷумҳурии Арманистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон бипазиред.

Тайи се даҳсолаи гузашта муносибатҳои байни кишварҳои мо дар асоси устувори анъанаҳои дӯстӣ, эҳтироми якдигар ва ҳамдигарфаҳмии мардумонамон рушд ёфтаанд. Итминон дорам, ки муносибатҳои кишварҳои мо иқтидори назаррас доранд ва истифодаи комили он имкон медиҳад, ки ҳамкории байнидавлатии Арманистон ва Тоҷикистон ба сатҳи сифатан нав бардошта шаванд.

Ба Шумо, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, саломатии бардавом, саодатмандӣ, муваффақият ва беҳтарин хушиҳо, ба мардуми дӯсти Тоҷикистон сулҳу некуаҳволӣ ва шукуфоӣ орзумандам».

**22 октябри соли 2022 миёни Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев ба муносибати 30-юмин солгарди барпо намудани робитаҳои дипломатии ҳар ду кишвар мубодилаи номаҳои шодбошӣ ба амал омад.**

**Дар номаи шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба унвони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев омадааст:**

**«Муҳтарам Шавкат Миромонович!**

Сиюмин солгарди барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон фурсати фараҳбахшеро фароҳам овардааст, то дар ростои ин санаи муҳим дар таърихи навини робитаҳои байни кишварҳоямон ба Шумо табрикоти гарму самимӣ ва таманниёти беҳтарини худро расонам.

Боиси хушнудист, ки дар ин давра муносибатҳои дӯстӣ, ҳусни ҳамҷаворӣ ва ҳамкории Тоҷикистону Ӯзбекистон, зимни рушди пайваста дар ҳама соҳаи мавриди манфиати ҷонибҳо, ба сатҳи баланди шарикии стратегӣ ва ҳампаймонӣ расидаанд.

Мо аз ҳолати кунунии муносибатҳои барои ҷонибҳо судманди ҳар ду кишвар амиқан изҳори қаноатмандӣ карда, итминон дорем, ки ҳамкориҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистону Ӯзбекистон, ки бар асоси усулҳои пойдори ҳамсоягии нек, эҳтиром, эътимод ва дастгирии ҳамдигарӣ бунёд ёфтаанд, минбаъд низ бо суръати афзоянда рушд намуда, ба нафъи манфиатҳои аслии ҳар ду мардуми бародар бо иқдомҳои нави созанда ғанӣ хоҳанд гардид.

Ба Шумо, Шавкат Миромоновичи азиз, сиҳатмандии комил, некуаҳволӣ ва комёбиҳои навин, ба мардуми дӯсти Ӯзбекистон сулҳу амонӣ ва пешрафту шукуфоии устувор орзу мекунам».

**Дар номаи шодбошии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев ба унвони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин гуфта шудааст:**

**«Муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон!**

**Бародари азиз!**

Хеле шодам, ки Шуморо, Ҷаноби Олӣ ва мардуми бародари тоҷикро ба муносибати 30-солагии барпо намудани муносибатҳои дипломатии байни Ӯзбекистону Тоҷикистон самимона табрик намоям.

Мехоҳам махсусан таъкид намоям, ки таърихи сисолаи ҳамкориҳои мо пур аз рӯйдодҳои муҳиму дурахшон буда, равобити наздику дӯстона дар ҳама соҳа пайваста таҳким ёфтаанд, заминаи ҳуқуқӣ ва механизмҳои босамари сохтории муносибатҳои гуногунҷанба таъсис дода шудаанд.

Мо махсусан аз он шодем, ки ҳамкориҳои миқёсан васеи байни кишварҳои мо барқароргардида бар пояи усули эътимод ба якдигар, эҳтироми баланд, ҳамсоягии нек ва шарикии стратегӣ бо суръати баланд рушд меёбанд.

Муҳимтар аз ҳама он аст, ки имсол, дар соли ҷашни ин санаи муҳим мо ҷиҳати ба зинаи боз ҳам баландтар, ба сатҳи ҳампаймонӣ баровардани муносибатҳоямон қарори таърихӣ қабул кардем ва якҷоя барои расидан ба ин ҳадафи воло иқдомоти амалӣ ва пойдорро роҳандозӣ менамоем.

